**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 – и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш. Душанбе, 734067, кучаи Нахимов, 64/4**

# Т А Қ Р И З И

**муқарризи расмӣ доктор (PhD) аз рӯи ихтисоси молия Яқубзода Маъруф Садруддин ба диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гардидааст.**

## 1. Мутобиқати диссертатсия бо ихтисос ва самти илмие, ки аз рӯи он диссертатсия ба ҳимоя бароварда шудааст.

Кори диссертатсионии тақризшаванда ба ихтисоси интихобгардидаи муаллиф мувофиқ буда, ба бандҳои 1.5; 2.1; 2.2; 2.3; ва 2.8-и Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мутобиқат мекунад.

## 2. Мубрамияти мавзуи диссертатсия.

Фароҳам овардани шароит самараноки низоми идоракунии молияи давлатӣ барои татбиқи сиёсати рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат мекунанд. Ҳадафи асосии идоракунии молияи давлатӣ, дар он аст, ки тамоми захира ва имкониятҳои мавҷударо марказонида, сатҳу сифати хизматрасониҳоро хуб ба роҳ монад. Агар идоракунии молияи давлатӣ дуруст ба роҳ монда шавад, он гоҳ ҷамъоварии самараноки даромадҳои буҷети ҳамаи сатҳҳо ва инчунин тақсими дурусту оқилонаи онҳоро таъмин мекунад.

Такмили механизми идоракунии молиявӣ дар шароити ҳозира ба рушди устувор ва идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсиргузор буда, яке аз муҳимтарин ҳадафҳои сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Омили мазкур ба қобилияти баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт ва некӯаҳволии шаҳрвандон заминаи мусоид мегузорад. Ҳуҷҷати асосии татбиқи тадбирҳои баланд бардоштани устуворӣ ва идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳо ин “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва «Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мебошад.

Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ санаи 28.12.2023с., махсус зикр намуданд, ки: "...дар шароити муосир рақамисозии идоракунии буҷети давлатӣ яке аз самтҳои таъмини иҷрои босифати буҷет ва шаффофияти он мебошад".

Дар ин замина ба ҳайси муқарризи расмӣ ақидаи муаллифро дасгири менамоям, ки такмили механизмҳои идоракунии молияи маҳаллии давлатӣ дар фазои гузариш ба буҷетикунонии барномавӣ, истифодаи технологияи рақамӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ масъалаи кам таҳқиқ гардида боқӣ монда ба тавсияҳои илман асоснок ниёз доранд.

### 3. Сохтори диссертатсия ва мазмуну мундариҷаи он.

Сохтор ва мундариҷаи диссертатсияи тақризшаванда бо мазмуну муҳтавои таҳқиқоти анҷом додашуда алоқаманд буда ба талаботҳои дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Қисми муқаддимавии кор аз асоснок кардани аҳамияти мавзуи интихобшуда, дараҷаи омӯзиши он, ҳадафи муайяншудаи кор, пешбарии

вазифаҳо, ҷудо кардани навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявӣ-амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда оғоз меёбад (саҳ. 3-11).

**Дар боби якум "Асосҳои назариявӣ ва методологи механизмҳои идоракунии молияи давлатӣ"** муносибатҳои назариявӣ доир ба тавсифи моҳияти идоракунии молияи давлатӣ, механизмҳо ва принсипҳои асосии идоракунии молияи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муносибатҳои методӣ доир ба арзёбии механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд (саҳ. 12-64).

Яке аз ҷабҳҳоаи илмии боби мазкур ин аз ҷониби диссертант дар асоси омузиши нуқтаи назари олимони ватанию хориҷӣ таҳия намудани моҳияти идоракунии молияи давлатӣ нуқтаи назари худ (Идоракунии молияи давлатӣ навъи фаъолиятест, ки ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявии давлатро, ки барои иҷрои вазифаҳои мақсадноки давлатӣ заруранд, таъмин намояд.) ва дигарон дар ҷадвали 1.1. мебошад (саҳ. 16-17).

Дигар нуқтаи илмии ин боб ин таҳияи раванди идоракунии буҷети маҳаллӣ ва механизмҳои он дар расми 1.5 аз тарафи муаллиф мебошад, ки марҳилаҳои раванди идоракуни ва механизмҳои институтсионалии буҷети маҳаллӣ пурра шарҳ дода шудааст (саҳ. 30).

**Дар боби дуюм –"Таҳлили ҳолати муосири фаъолияти механизмҳои идоракунии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон"** ҳолати муосири рушди иҷтимой-иқтисодии вилояти Хатлон, вазъи механизмҳои идоракунии ташаккулёбии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон ва амали механизмҳои идоракунии хароҷоти буҷети маҳаллӣ арзёбӣ гардидаанд (саҳ. 65-114).

Дар боби мазкур муаллиф зимни таҳқиқот динамикаи маблағгузории буҷети маҳаллии вилояти Хатлон дар соҳаҳои ичтимоиро дар диаграммаи 2.3. таҳлил намуд, ки ҳаҷми маблағгузории соҳаи маориф аз 8210,2 млн. сомонӣ то ба 15735,7 млн. сомонӣ ва ё 91,6% муайян кардааст. Дар марҳилаи таҳлилӣ, ҳаҷми маблағгузориҳо ба соҳаи тандурустӣ аз 3635,6 млн. сомонӣ то ба 6645,5 млн. сомонӣ ва ё 82,8% афзудааст. Ҳаҷми қиёсии он дар соли 2022 аз ҳаҷми умумии хароҷотҳои давлатӣ 25,2%-ро ташкил дод. Ҳаҷми умумии

маблағгузории давлатӣ ба соҳаи фарҳанг низ аз 50,1 млн. сомонӣ то ба 78,9 млн. сомонӣ ва ё 57,4% афзудааст. Соҳаҳои маориф, беҳдошту фарҳанг, умдатан шохаҳои марбутаи самти хизматарсонии иқтисоди миллӣ мебошанд, ки нақши аслиро дар  тавлидоти молҳои зарурии ичтимоӣ иҷро намуда, ба унвони як ҷузъи бахши ҷомеаи омехта амалкард намуда, дар он аҳамияти аввалия доранд. Вазни қиёсии ин бахшҳо дар сохтори ҳама хароҷотҳои буҷети давлатӣ зиёда аз 88% ташкил менамояд (саҳ. 75-76).

Натиҷаҳои нисбатан назарраси илмӣ дар ин боб ин аст, ки диссертант самаранокии равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар қисми хароҷоти буҷетҳои маҳаллиро дар ҷадвали 2.19 таҳлил ва баррасӣ намудааст(саҳ. 103). Тавре аз рақамҳои ҷадвали 2.19. бармеояд, дар давоми марҳилаи таҳлилӣ МММ то ба 2,5 маротиба афзоиш ёфт, иштироки соҳаи маориф дар истеҳсоли МММ 2,7 маротиба, хароҷотҳои буҷетҳои маҳаллӣ ба соҳаи маориф бошад 5 маротиба афзоиш ёфтаанд. Вазни қиёсии хароҷоти буҷети маҳаллӣ, дар умум дар соли 2022. 60,0%-ро ташкил намуд, ки он дар қиёс бо соли 2010, то ба 4,7 банди фоизӣ боло рафт. Истеҳсоли  арзиши нав барои ҳар як сомонии харҷшуда дар соли 2022. 0,12 сомониро ташкил намуд, зарибаи нигаронидашудаи давлат ба соҳаи маориф 9,74 сомониро ташкил намудааast (саҳ. 104).

**Дар боби сеюм “Самтҳои асосии такмили  механизмҳои идоракунии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон”**, такмилидиҳии идоракунии механизмҳои буҷети маҳаллӣ дар шароити рақамикунонӣ, роҳҳои асосии мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии барномавӣ-мақсаднок дар буҷети маҳаллӣ асоснок гардидаанд (саҳ. 115-159).

Яке аз натиҷаҳои илмии бадаст овардаи унвонҷӯ дар боби 3-юм ин таҳияи рушди барномаи электрониро дар низоми идоракунии молияи давлатӣ ба шумор меравад, ки дар ҷадвали 3.25. (саҳ. 122) заминаҳои рушди барномаҳои электронӣ дар низоми идоракунии молияи маҳаллии давлатӣ ба таври муфассал пешниҳод шудааст.

Ҳамзамон муаллиф чунин мепиндорад, ки яке аз роҳҳои болобардории самарабахшии идоранамоии буҷети маҳаллӣ, ҷорнамоии барномаи махсуси

низоми идоранамоии иттилоотии молияи давлатӣ SGB.NET ба хисоб меравад. Низоми идоракуннии иттилоотии молияи давлати SGB.NET ба таври худкор иҷозат, банақшагирӣ, таҳияи буҷет, баҳисобгирӣ, таҳлил ва назорати иҷрои буҷети давлатӣ ва маҳаллиро амалӣ мекунад. Низоми автоматикунонидашудаи иттилоотии буҷетӣ барои автоматикунонии банақшагирӣ ва иҷрои буҷети шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва деҳот пешбинӣ шудааст. (саҳ. 122-123).

Дар қисми хотимавии диссертатсия хулосаҳои назариявию амалии илман асоснок дар 12 банд ва руйхати адабиёти истифодашуда оварда шудааст (саҳ. 160-183).

## 4. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

***Саҳеҳӣ ва навгонии илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада.***

Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзуи таҳқиқот, муайян кардани ҳадаф ва асоснокии вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ эҳсос гардида, ба ақидаи диссертант навгонии илмии таҳқиқот аз асосноккунии назариявию амалии механизмҳои идоракунии молияи маҳаллии давлатӣ, ки ба баланд бардоштани фаъолияти мақомоти маҳаллӣ дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон боис мегарданд, иборат мебошанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки навгонии илмиро муайян мекунанд, инҳоянд:

1. Дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муаллиф назарияи асосии конепсияи идоракунии молияи давлатӣ низомбандӣ ва таъриф оид ба идоракунии молияи давлатиюа принсипҳои заминавии он пешниҳод гардид;

2. Ҳангоми таҳлили муносибатҳои методии илман асоснок муаллиф ба арзёбии механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ аз ҷумла усули барномавӣ-мақсаднок дар идоракунии буҷети маҳаллӣ пешниҳод шуданд;

3. Таҳлили ҳолати муосири иҷтимоӣ-иқтисодии рушди вилояти Хатлон аз тарафи диссертант гузаронида шуд ва имконияти арзёбии

нишондиҳандаҳои буҷети маҳаллӣ, нақши он дар низоми молиявии минтақавӣ ва механизмҳои идоракунии қисмати даромад ва хароҷоти онро дод;

4. Аз ҷониби муаллиф усули мониторинги раванди идоракунии буҷети маҳаллӣ бо пешниҳоди асоснок оид ба такмили механизмҳои идоракунии барномавии мақсаднок дар баланд бардоштани самаранокии даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллӣ таҳия гардид;

5. Самтҳои асосии такмили механизмҳое, ки ба идоракунии буҷети маҳаллӣ мусоидат мекунанд дар заминаи таҳқиқот диссертант дар сатҳи баланд коркард ва пешниҳод кардааст.

***Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.***

- муносибати муаллиф оид ба механизмҳо ва принсипҳои асосии идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлати пешниҳод шудааст;

-услуби барномавӣ-мақсаднок дар самаранокии идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ муаян карда шуд;

- вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон таҳлил карда шуда, амали механизмҳои идоракунии даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллӣ арзёбӣ дода шудааст;

- алгоритми мониторинги раванди идоракунии буҷети маҳаллӣ бо асоснок кардани такмили идоракунии барномавӣ-мақсаднок барои мураттабсозӣ ва идоракунии самараноки қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷетҳо таҳия шудааст;

- тавсияҳо оид ба навсозии механизмҳои идоракунии буҷети маҳаллӣ пешниҳод карда шуданд.

## 5. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву тависяҳои дар диссертатсия зикр шуда.

Даҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда бо истифода аз сарчашмаҳои омории боэътимод, таҳқиқ ва истифодаи мақолаю асарҳои

илмии олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи такмили механизми идоракунии молияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шуда асоснок гардидааст. Муаллиф дар диссертатсия факту рақамҳои овардаро дар натиҷаи гузаронидани таҳлилҳои эконометрикӣ, муқоисавӣ, математикӣ ва усулҳои имперuкӣ ба даст овардааст. Хулосаву тавсияҳои кори илмӣ дар интишороти муаллиф дар асоси таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ дарҷ гардидааст.

### 6. Муҳимияти хулосаву пешниҳодҳо ва имконияти истифодаи онҳо дар илм ва амалия.

Қайд кардан ба маврид аст, ки натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз асосҳои методологии баҳодиҳии самаранокии идоракунии буҷети маҳаллий, муайян кардани шартҳои идоракунии самараноки буҷети давлатӣ ва ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии буҷети маҳаллӣ иборат мебошад, ки дар хулоса ва муқаррароти асосии диссертатсия дарҷ гардидааст. Ҳамзамон ба ақидаи диссертант муқарраროти назариявӣ ва амалии дар диссертатсия таҳияшударо метавонад мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми мушаххас кардани асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва методии идоракунии буҷетҳои маҳаллӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ истифода намояд.

### 7. Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия.

Бо назардошти ҷиҳатҳои мусбӣ, таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нигоҳи муқарриз дорои як қатор эроду носаҳеҳиҳо низ мебошад. Эродҳо чунинанд:

1. Дар ҷараёни таҳқиқот диссертант дар боби аввал, расми 1.2. даромадҳои андозӣ ба буҷетҳои маҳаллиро таҳия намуда, дар қисми даромадҳо аз ҳисоби андозҳои умумидавлатӣ (муносибатҳои байнибуҷетӣ) воридоти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз даромад (шахсони ҳуқуқӣ)-ро 100 фоиз ба буҷети маҳаллӣ иникос кардааст. Аммо андоз аз арзиши

иловашуда танҳо аз амалиётҳои андозбандишавандаи дохили ҷумҳурӣ ва андоз аз даромад дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии солҳои ҷорӣ қисман бо фоизи муайян, ҳангоми мавҷуд будани касри буҷети маҳаллӣ тадбиқ карда мешавад.

2. Дар параграфи 2.1.-и диссертатсия масъалаи "Ҳолати муосири рушди иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Хатлон" таҳлил ва арзёби карда шудааст, вале аз қисмати охири саҳифаи 72 саркарда то нисфи саҳифаи 75-уми диссертатсия матн ва ҷадлаи 2.7.-и овардашуда ба мазмуну муҳтавои параграфи мазкур дуруст намеояд. Маводҳои овардашудаи саҳифаҳои боло зикр, пештар ба параграфи 2.3., ки фарогири масъалаи "Таҳлили амали механизмҳои идоракунии хароҷоти буҷети маҳаллӣ" мебошад, наздикӣ дорад.

3. Дар ҷараёни таҳқиқот диссертант дар боби 2-юм параграфи 3 нишондиҳандаҳои омории давраҳои гуногунро (дар баъзе ҳолат солҳои 2017-2022, баъзан 2011-2021, ва солҳои 2010-2022, масалан: ҷадвалҳои 2.14, 2.16, 2.17 ва диаграмаи 2.7) мавриди таҳлил қарор додааст, ки ба вайрон гардидани апарати илмӣ ва нодуруст таҳлил гардидани динамика ва сиклии рушди масъалаи таҳқиқшаванда оварда мерасонад, бехтар мебуд агар дар тамоми давраи таҳқиқот солҳои ягона таҳлил мегардид.

4. Аз ҷониби муаллиф дар кори илмӣ камбудӣ оиди иқтибосоварӣ аз адабиётҳо дида мешавад, масалан дар руйхати адабиёти диссертатсия 164 номгӯ адабиёт оварда шудааст, вале ба 56-то он унвонҷӯ дар раванди таҳқиқот иқтибос дода аст.

5. Дар диссертатсия масъалаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ камтар тадқиқ гардидааст, хуб мешуд агар масъалаҳои муқоисавии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ бо кишвари мо хусусан давлатҳои ҳаммонанд ба мисли давлатҳои рӯбаинкишоф оиди бартафа кардани ҳолатҳои касри буҷети маҳаллӣ, муҳайё кардани даромадҳои ғайрифисткалии бештар ва мукамалгардонии механизмҳои идоракунии барномавии буҷети маҳал мавриди омузиши дақиқ қарор мегирифт.

Бояд қайд кард, ки эроду камбудиҳои дарҷ гардида мазмуни баланди назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Б.И.-ро коста накарда, тавсиявӣ ваислоҳшаванда мебошанд.

**8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Аз рӯи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 20 мақолаҳои илмӣ бо 14,2 ҷ.ч. (ҳамагӣ ҳаҷми муаллифӣ), аз ҷумла 10 мақола бо хаҷми муаллифи 8,4 ҷ.ч. дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, ба табъ расидаанд.

**9. Мутобиқати мазмуни автореферат бо муҳтавои диссертатсия.**

Автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар маҷмуъ мазмуну мундариҷаи асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ таҷассум намуда, дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, ҷойгир карда шудааст.

**10. Баҳои умумии мутобиқати рисола ба талабатҳои муқарранамудаи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» бахшида шуда, таҳқиқоти илмӣ анҷомёфта буда, дар он масъалаи муҳими сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ таҳлил ва таҳқиқ карда шуда ба талаботи Низмономаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, оид ба таълифи рисолаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин ҷиҳат, муаллифи рисолаи илмии тақризшаванда Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич сазовори дараҷаи баланди илмии доктори фалсафа (PhD) - аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

Муқаррази расмӣ, доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси – Молия, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Яқубзода М.С.**

*Дурустии имзои «М.С. Яқубзода»-ро тасдиқ мекунам.*
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Раҳматулло Нусратулло**
“12” 11 2024с.


***Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,***
***ш.Душанбе, кӯч. Н.Қарабоев 63/3,***
***Телефон.:(+992) 907-86-63-63,***
***E-mail: m.yaqubzoda@mail.ru***